**Тақриз**

**ба автореферати Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст.**

Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон», ки ҳуҷҷати барномавӣ - методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ мебошад, мазмуни фаъолияти таълиму тарбиявии соҳаро муайян мекунад.

Муҳаққиқ дар автореферат масъалаҳои инкишоф додани қобилияти кӯдакон, махсусан, дар соҳаи эҷодиёти мусиқӣ ва роҳҳои такмили онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Имрӯзҳо рушди қобилияти эҷодии кӯдакони синни 5-6 -сола ба василаи санъат аҳаммияти бештар пайдо карда истодааст. Дар айни замон зарур аст, ки масъалаҳои рушди қобилияти мусиқӣ ва иқтидори эҷодии кӯдакони синни томактабӣ тавассути шароит ва барномаҳои муосир баррасӣ карда шавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ" омадааст: "Вазифаҳои таълиму тарбияи томактабӣ аз ташаккули инкишофи ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ бо дарназардошти қобилият, шавқу рағбат ва хусусиятҳои фардии онҳо иборат аст."

Таълиму тарбияи мусиқӣ, масъалаҳои такмили маҳорати мусиқӣ ва эҷодӣ дар афкори адабӣ ва педагогии мутафаккирони тоҷику форс мавқеи махсусро ишғол мекунад. Мавқеи мусиқӣ дар ҳаёти инсон, аҳаммият ва зарурати он дар ташаккули ҷаҳони маънавии кӯдакон, роҳу усулҳои таълими мусиқӣ, инкишофи мусиқии эҷодӣ аз нуқтаи назари мутафаккирон маълумотҳои муфассал оварда шудааст.

Мусиқӣ санъати мустақим ва пурқуввати таъсиррасонӣ ба руҳияи эмотсионалӣ мебошад. Таъсири мусиқӣ дар иҷрои амалҳои оҳангсозӣ, иҷрокунӣ, шунидану расондан ва ҳаловат бурдан инъикос мегардад. Фаъолияти эҷодии мусиқӣ ба рушду инкишофи кӯдакони синни томактабӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ дар таҳсилоти томактабӣ дар ҷараёни бозикунӣ зоҳир гардида, қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдаконро таъмин менамояд, ки

бештар дар давраи синни томактабӣ ва раванди бозикунӣ зоҳир гардида, дар давраҳои минбаъда ҷараёни ташаккулёбиро таъмин менамояд.

Муҳаққиқ дар раванди таҳқиқ заминаи омӯхтану таҳлил намудани таҳқиқоти психологӣ-педагогиро аз нигоҳи С.В. Пазухина ва Г.Н. Абдураҳмонов, ки инкишофи қобилиятҳои ақлию зеҳнӣ, эҷодӣ, академикӣ, бадеӣ тасвирӣ, мусиқӣ, адабӣ, хунармандӣ, техникӣ ва сарвариро ҳамчун намудҳои қобилият арзёбӣ мекунанд, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муҳаққиқ мақсади таҳқиқоти худро аз ҷиҳати илмӣ - назариявӣ ва амалӣ нишон додани имкониятҳои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти мусиқӣ ва бозиҳои онҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ асоснок намуда, иҷрои вазифаҳои таҳқиқотро муайян намудааст. Аз натиҷаи таҳлилу баррасии таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқ бармеояд, ки ба муваффақият низ ноил гардидааст.

Диссертатсия ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳои психологӣ-педагогӣ, рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби якуми рисола масъалаҳои инкишоф додани қобилияти кӯдакон, махсусан, дар соҳаи эҷодиёти мусиқӣ ва роҳҳои такмили онҳо бахшида шуда, масъалаи мазкур ба пуррагӣ таҳлилу баррасӣ гардида, бо хулосаҳои мушаххаси муҳаққиқ ба анҷом расонида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия бошад роҷеъ ба тарбияи мусиқӣ дар гурӯҳҳои синну соли то 4 - сола (аз 1-солаву 6-моҳа то 2-сола, аз 2 то 3-сола, аз 3 то 4-сола) вазифаҳои таълим ва тарбияи шавқу ҳавас ба мусиқӣ, инкишоф додани хотираи мусиқӣ, шинос шудан ба жанрҳои сурудхонӣ, рақскунӣ ва қадамзании бонизом бо роҳҳои шунидан, сурудхонӣ ва ҳаракатҳои мавзун дар ҳавои мусиқӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Дар** қисмати **хулоса Рамазонов Давлат Сулаймонович** фишурдаи рисолаи илмии худро вобаста ба мақсад, объект ва предмети таҳқиқот, вазифаҳои дарпешистода, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада дар шакли муфассал ҷамъбаст намудааст.

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо зимни мутолиа ва баррасии автореферати диссертатсия маълум гардид, ки дар он баъзе камбудиҳои грамматикию услубӣ ва техникӣ роҳ ёфтааст. Камбудиҳои ошкоргардида, сатҳи илмии кори таҳқиқотиро коҳиш намедиҳанд.

Умедворем, бо таҳрири ин камбудиҳои ҷузъӣ қимати кори илмӣ меафзояд.

Автореферат ва диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович зери унвони **«Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ»** кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта маҳсуб гардида, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовор ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси **13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01-Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)** мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода
_________________ Қаюмов Абдулмаъин Ҷумахонович

Имзои А. Қаюмов -ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода
__________________ Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

Маълумот барои тамос: 734019, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел. 232 50 00; Факс: +992372325003. Сомона: www.ddzt.tj; E-mail: info@ddzt.tj